ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ Ш.ШОҲТЕМУР

Бо ҳуқуки дастнавис

ВБД: 338 43 (575.31)

ИСЛОМЗОДА ОБИД ОЛИМ

# ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ (ДАР АСОСИ МАВОДҲОИ ВИЛОЯТИ СУҒД)

## АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти

дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси
08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ

Душанбе – 2025

Диссертатсия дар кафедраи идораи замин ва кадастри Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Мирсаидов Саидакмал Авророович,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
Президенти Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон

**Комилзода Низомуддин Бегаҳмад,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳимояи кори диссертатсионӣ санаи 29 августи соли 2025 соати 09:00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146, E-mail: **olimov-1976@mail.ru**, телефони котиби илмӣ: (+992) 101-17-90-90) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар китобхонаи илмӣ ва сомонаи расмии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (www.tajagroun.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат “_____” ____________ соли 2025 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, дотсент** **Олимов А.Х.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ба масъалаи таъмини амнияти иқтисодӣ (амнияти озуқаворӣ), ки ҳамчун ҷузъи асосии амнияти иқтисодии мамлакат ба ҳисоб меравад, таваҷҷӯҳи хоса дода шудааст, масалан:“...барои таъмин намудани амнияти озуқаворӣ гуногунии (диверсификатсияи) истеҳсолоти кишоварзӣ, яъне ҷорӣ намудани навовариҳо бодарназардошти беҳбудии муҳити зист ва сифати замин, ташаккули низоми идоракунии захираҳои замин ва об дар асоси тақсимоти одилона, мақсаднок ва устувори он барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ пешбинӣ гардидааст” [13].

Воқеан ҳам, дар асоси ташаккули муносибатҳои истеҳсолии соҳаҳои кишоварзӣ муносибатҳои истифодабарии замин қарор дорад, ки он ҳамзамон сатҳи таъмини амнияти озуқаворӣ ва тамоюлҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷомеаро муайян мекунанд.

Имрӯз ҳукумат кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки пайваста бо коркарду такмили меъёрҳову қоидаҳои расмӣ тартибот ва сатҳу сифати истифодаи оқилонаву самараноки заминҳои кишоварзиро барои таъмини амнияти озуқаворӣ муқаррар намояд. Бинобар он, афзудани маҳдудияти захираҳои замин ҳамчун сарвати табиии сол аз сол мақоми махсуси ниҳодиро пайдо менамояд. Пешрафти ҷамъият дар тамоми марҳалаҳои рушди худ ба истифодабарии замин алоқамандӣ дорад: зеро замин ҳама вақт сарчашмаи ҳаётгузаронии инсон ва манбаи боигарии миллатҳо мебошад.

Шароити ҳозира пайваста бо афзудани нуфузи аҳолӣ ва талаботи он ба маҳсулоти озуқаворӣ, аз як тараф баръало ҳис шудани маҳдудияти захираҳои заминҳои кишоварзӣ масъалаи истифодаи оқилонаву самараноки он бо шарҳи васеи ин мафҳумҳо мубрамият пайдо мекунад. Ин мафҳумҳо дар низоми институсионалии мамлакат қарор гирифта, меъёру қоидаҳои маҷмӯи муносибатҳоро, бахусус муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодиро ҷиҳати истифодаи замин ифода менамоянд. Масъалаи истифодаи оқилонаи замин ба мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ ба ғайр аз аҳамияти соф назариявӣ, боз масъалаҳои аниқ намудани меъёрҳои арзёбии иқтидори иқтисодии замин ва истифодаи самараноки он, ки арзиши амалӣ дорад, тақозо менамояд. Зеро, масъалаҳои идоракунии заминҳои кишоварзӣ вобаста ба таъмини амнияти озуқаворӣ пеш аз ҳама бо банақшагириву азнавтақсимкунӣ, ҳифз ва назорати заминҳо аз ҷониби мақомоти идораи давлатӣ алоқаманд аст.

Ташаккули механизми самаранок истифода бурдани замин аз тарафи хоҷагӣ бе ба вуҷуд овардани низоми илман асосноки механизми истифодаи самараноки он барои дар сатҳи истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ имконнопазир аст. Қайд кардан ба маврид аст, ки механизми мазкур консепсияи аз ҷиҳати илмӣ асосноки онро вобаста ба талаботи имрӯзаи низоми муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мувофиқро тақозо менамояд. Ташаккули механизми иқтисодии тақсим ва истифодаи оқилонаи замин ба консепсияи классикии назарияи рента асос ёфтааст, ки асосгузорони он иқтисодчиёни намоёни хориҷӣ, ба монанди: В. Петти, А. Тюрго, А. Смит, Д. Рикардо, К. Маркс, А. Маршал ва дигарон мебошанд.

Имрӯз вобаста ба тағйир ёфтани вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ як қатор масъалаҳои ташаккули механизми самарабахши иқтисодии истифодаи он ба қадри кофӣ инкишоф наёфтаанд, ё худ ба шароити имрӯза мувофиқ нестанд. Ташаккули низоми самараноки муносибатҳои истифодабарии замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба андешаи мо, танҳо дар асоси таҳқиқ бо мақсади муайян кардан ва асосноккунии илмии механизмҳои ҳуқуқӣ ва ташкилию иқтисодӣ имконпазир аст, ки омӯзиши мафҳум ва мундариҷаи унсурҳои алоҳидаи онҳоро талаб менамояд.

Имрӯз тамоюли манфии раванди истифода ва ҳифзи сарватҳои замин, номукаммалии низоми тақсимоти истифодаи замин яке аз омилҳои заиф гардидани низоми амнияти озуқавории ҷумҳурӣ мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Масъалаи истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва вобаста ба он масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ таваҷҷӯҳи олимони тамоми ҷаҳонро ба худ ҷалб мекунад. Дар даврai ҳозира муаммоҳои илмии ташаккули механизми иқтисодии рушди муносибатҳои замин ва истифодаи оқилонаву самараноки он дар нашрияҳо ва монографияҳои олимони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил инъикос ёфтааст: Г. Бистров, С. Горемикин, Р. Гумеров, Ҷ. Дункан, Р. Кларк, Н. Комов, М. Коробейников, В. Коровкин, А. Костяев, С. Липский, П. Лойко, В. Милосердов, С. Пилиев, Р. Простерман, Л. Ролфес, М. Сулин, А. Ткач, М. Тейшер, Р. Трейси, К. Фукс, И.Г. Ушачёв, В.Я. Узун, Ю.Хромов ва дигарон.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксари масъалаҳои мазкур дар асарҳои олимон, ба монанди: Р. Носиров, Р.Р. Қудратов, З.Р. Шарифов, А.М. Мадаминов, А.Б. Мирсаидов, Ш.Т. Одинаев, И.Ҳ. Самандаров, Ҳ.Б. Раҳматзода, С.С. Садриддинов, Х.У. Умаров ва дигарон мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд. Аммо, ба сабаби ба таври фаъолона тағйир

ёфтани вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ ва демографии мамлакат дар давраи соҳибистиқолии мамлакат ва гузариш ба зинаи индустриаливу аграрии рушди иқтисодӣ, зарурати боздиди масъалаҳои ташаккули механизмҳои истифодабарии оқилонаи заминҳои кишоварзӣ вобаста ба амали намудани масъалаҳои амнияти озуқаворӣ дар мамлакат ба миён меояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (3.08.2018, №1544)», «Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №392, аз 01.10. 2016), «Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2020 (БМР 2016-2020)», «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», «Барномаи давлатии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», «Барнома оид ба беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023» алоқамандӣ дорад.

Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади асосии таҳқиқот ин пеш аз ҳама ба коркарди асосҳои назариявӣ ва консепсияи ташаккули низоми муосири идоракунии самараноки муносибатҳои заминистифодабарандагон дар шароити муосир, вобаста ба баланд бардоштани истифодаи самараноку оқилонаи заминҳои кишоварзӣ бо мақсади афзоиши асоси захиравӣ, ки амнияти озуқаворoccurrence мамлакат ва вилоятҳои онро таъмин менамояд, равона шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ҷиҳати ноил шудан ба ин ҳадаф вазифаҳои зерин муайян карда шуданд:

– таҳқиқи назариявии моҳият ва арзёбии амнияти озуқаворӣ дар шароити муосир;

– тавсифи иҷтимоию иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ва меъёрҳои арзёбии истифодаи самараноки он дар низоми таъмини амнияти озуқаворӣ;

– муайян намудани нақши бунёдии самаранокии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ ба таъмини амнияти озуқаворӣ;

– арзёбии ҳолати муосири рушди соҳаи кишоварзӣ ва таҳқиқӣ ҳолати фонди заминҳои кишоварзӣ, ҳамзамон арзёбии натиҷаи истифодабарии онҳо дар вилояти Суғд;

– асоноккунии консепсия, ки ба идоракунии самаранок ва истифодабарии устувори заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар муддати тулонӣ мусоидат карда, ҳамчун шарти таъмини амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад;

– коркарди тавсияҳо доир ба мукаммалгардонии усулҳои баланд бардоштани самаранокии захираҳои истифодаи замин.

**Объекти таҳқиқот** фонди замин, ҳамчун объекти идоракунӣ, механизми ташкиливу иқтисодӣ идоракунии заминҳои кишоварзӣ маҳсуб меёбад, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат менамояд.

**Мавзуи таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодиву ташкилӣ, идоракунӣ вобаста ба истифодаи оқилонаву самараноки заминҳои кишоварзӣ, ки кафолати таъмини амнияти озуқавории мамлакат ва минтақаҳои онро муайян менамояд, мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот**. Фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки дар шароити сол аз сол тезутунд шудани муаммои маҳдудияти захираҳои заминӣ, бахусус заминҳои кишоварзӣ, вобаста ба афзудани шумораи аҳолӣ ва талаботи он ба маҳсулоти озуқаворӣ омили калидии зиёд намудани сатҳу сифати маҳсулоти озуқаворӣ ва таъмини захиравии амнияти озуқавории мамлакатро истифодаи самараноки заминҳои таъиноти кишоварзӣ муайян менамояд. Аз ин ҷиҳат, такмили илман асоснокёфтаи усулҳои истифодаи оқилонаву самараноки замин ва тақвият бахшидани самаранокии фаъолияти корхона ва ташкилотҳои кишоварзӣ, рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ тақозои замон мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои олимон, ки ба масъалаҳои идоракунии низоми заминҳои кишоварзӣ ва истифодаи самараноку оқилонаи он бахшида шудааст, ҳисоботу гузоришҳои илмии пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва санадҳои дахлдорӣ меъёрӣ ва ҳуқуқи доир ба мавзӯи таҳқиқот ташкил додаанд.

Зимни таҳқиқоти илмӣ усулҳои абстраксияи илмӣ, диалектика, оморию риёзӣ, дедуксия ва индуксия, таҳлили омилӣ, таҳқиқоти иҷтимоӣ ва ғайраҳо истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумот**. Ба сифати сарчашмаҳои маълумот маводҳои ҳисоботии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаҳои минтақавии он, Раёсати кишоварзии вилояти Суғд, ҳисоботҳои солонаи корхонаҳои кишоварзӣ, нашрияҳои илмии маводҳои конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалӣ, маълумотҳо аз Интернет-сомонаҳои расмии мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ истифода шудааст.

**Пойгоҳи таҳқиқот**. Диссертатсия дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар мукаммалгардонии асосҳои назариявии самтҳои такмили механизмҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба вуқӯъ мепайвандад. Ҳамзамон, омӯзиш ва омода кардани тавсияҳои амалӣ оид ба рушд ва такмили усулҳои баланд бардоштани истифодаи оқилона ва самараноки он дар корхонаҳои кишоварзии вилояти Суғд, ки заминаҳои захиравии таъмини амнияти озуқавориро ташкил медиҳад, ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои асосии дар кори диссертатсионӣ баёнгардида ва унсурҳои навоварии илмӣ инҳоянд:

– муқаррароти муаллифии моҳияти амнияти озуқаворӣ пешниҳод шудааст, ки дар он ҳолати амниятӣ ҳамчун сатҳи дастрасии ҷисмониву иқтисодии доимии аҳолӣ бо озуқаи ҳаётан муҳим дар асоси захираҳои таъминоти рушди озуқавории зерсоҳаи иқтисоди кишоварзии ҷумҳурӣ ва истеҳсоли озуқавории хусусӣ тавсиф медиҳанд, ворид карда шудааст;

– асоснок карда шудааст, ки низоми идоракунии муносибатҳои замин ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар низоми таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ нақши стратегӣ дорад; зарурати татбиқи муносибати низомии истифодаи замин ҳамчун объекти муҳимтарини таъмини амнияти озуқавории ҷомеа ва падидаи хеле гуногунҷабҳа ва мураккаб асоснок карда шуда, марҳалаи асосии идоракунии раванди истифодаи он тасниф шудааст;

– тамоюли муосири истифодаи заминҳои кишоварзӣ, истеҳсолоти маҳсулоти комплексии озуқавории кишоварзӣ ва сатҳи таъмини амнияти озуқавории вилояти Суғд, муайян карда шудааст, ки ҳамчун иттилооти нави илмиву амалӣ барои такмили механизмҳои идоракунии низоми заминистифодабарӣ ва амнияти озуқаворӣ хидмат менамояд;

– муайян карда шудааст, ки дар марҳалаи нави рушди мамлакат ва минтақаҳои он пайваста бо дастгирии давлатӣ дар самти кишоварзии вилояти Суғд тамоюлоти устуворгардии ташаккулу рушди тарзи ташкиливу технологии типи дуюм ва сеюм, ки ба табодули интенсивию индустриалии рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ва заминистифодабарии самаранок, ҳамзамон, баланд бардоштани сатҳи бехатарии озуқавории минтақа мусоидат менамояд, суръат гирифта истодааст;

– дар асоси ҷамъбасти адабиёти илмӣ ва муқаррароти умумии эътирофшуда, консепсияи истифодаи замини аз ҷиҳати экологӣ бехатар, ки ба идоракунии оқилонаи заминҳои кишоварзӣ асос мегирад, пешниҳод карда шудааст;

– тавсияҳо доир ба такмили механизмҳо ва усулҳои истифодаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар асоси таҳияву татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба мелиоратсия, суғуртакунонии хавфу хатарҳо, омезиши органикии хоҷагиҳои давлатӣ, кооперативӣ ва деҳқонии инфиродӣ, оилавӣ, оилавӣ-гурӯҳӣ дар иқтисодиёти деҳот ва ғайраҳо пешниҳод карда шудааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– муқаррароти муаллифии мафҳуми амнияти озуқаворӣ ҳамчун ҳолати иқтисодии озуқавории зерсоҳаи комплекси агросаноатӣ, ки дар он новобаста аз таъсири омилҳои беруна дастрасӣ ба маҳсулотҳои озуқаворӣ, ки барои истеъмол заруранд ва истеъмоли оқилонаи гуногуни маҳсулотҳои асосии озуқавориро таъмин мекунанд, ҳамзамон, ба такрористеҳсолии устувори аҳолӣ ва сифати зиндагии он мусоидат мекунад;

– асоснок карда шудааст, ки низоми идоракунии муносибатҳои заминро барои ноил шудан ба сатҳи зарурии таъминоти озуқаворӣ ва ашёи хом ба соҳаҳои саноат, ба иҷрои вазифаҳои асосии зерин равона кардан лозим аст: омезиши оқилонаи манфиатҳои стратегӣ ва тактикӣ дар самти заминистифодабарӣ дар кишоварзӣ, ки ба ташкили истифодаи самараноки замин ҳамчун захираи табиии маҳдуд ва ивазнашаванда мусоидат мекунад; сода ва дастрас кардани низоми баҳисобгирӣ ва бақайдгирии ҳуқуқи истифодабарии қитъаҳои замин; таъмини эътимоднокӣ ва самаранокии назорат аз болои истифодаи заминҳои кишоварзӣ;

– зарурати татбиқи низоми истифодабарии муносибати замин ҳамчун объекти муҳимтарини таъмини амнияти озуқавории ҷомеа, ки

марҳилаҳои асосии идоракунии заминистифодабарии зеринро дарбар мегирад:

✓ марҳалаи якум, муайян кардани мақсад ва вазифаҳои заминистифодабари дар кишоварзӣ, муайянкунии ташаккули вазифаҳо ва механизми низоми заминистифодабарӣ, ки заминаҳои лозимаро ҷиҳати самаранокии татбиқи марҳилаҳои оянда таъмин мекунад;

✓ марҳалаи дуюм, - ин намуди ташкилӣ, ки истифодаи оқилонаи заминро таъмин намуда, инчунин, инфрасохтори зарурии иттилоотӣ, технологӣ, захиравӣ, молиявӣ, соҳибкорӣ ва маркетингиро барои дастгирии фаъолияти худ таъсис медиҳанд.

✓ марҳалаи сеюм, дар худ такрористеҳсолкунии сифат ва ҳосилхезии замин, барқарор намудани сифати сохтори хокро, ки бояд сармоягузорӣ карда шавад, дарбар мегирад.

– арзёбии ҳолат ва тамоюли истифодаи самараноки заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва тадбиқи технологияи муосири истеҳсолоти кишоварзӣ ва сатҳи таъмини амнияти озуқаврии вилояти Суғд асоснок карда шуда, ҳамзамон, фарқияти сатҳи истифодаи оқилонаи замин, хусусият ва истифодабарии интенсивии замин, инчунин ҳолати бехатарии озуқаврии дар миёни ноҳияҳои аграрии вилоят арзёбӣ карда шудааст;

– муайян карда шудааст, ки дар марҳалаи ҳозираи кишоварзии вилоят тамоюли деградатсияи технологӣ дар хоҷагии кишоварзии вилоят дар натиҷаи пайдошавии хоҷагиҳои якҷояшуда ва калонҳаҷм бо истифода бурдани хароҷоти бештар дар воситаҳои интенсификатсионии истеҳсолот мушоҳида мешавад, истифодабарии техникаи муосир ва технологияи истеҳсолот, беҳтаргардонии намудҳои зироатҳои кишоварзӣ, чорвои зотӣ ва тақвияти чораҳои обёрикунии заминҳо, ки ба устувории таъминоти захираҳо, афзоиши сатҳи бехатарии озуқаворӣ дар минтақа мусоидат мекунад;

– консепсияи истифодаи замини аз ҷиҳати экологӣ бехатар, ки ба идоракунии оқилонаи заминҳои кишоварзӣ асос мегирад, асоснок карда шуда, тавсияҳо доир ба такмили механизмҳо ва усулҳои истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар самти таҳияву татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба мелиоратсия, суғуртакунонии хавфу хатарҳо, омезиши органикии хоҷагиҳои давлатӣ ва деҳқонии индивидуалӣ, оилавӣ, оилавӣ-гурӯҳӣ дар иқтисодиёти деҳот ва ғайраҳо пешниҳод карда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар муайян намудани самтҳои асосии такмили механизми иқтисодиву ташкилии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, ки метавонад дар мавриди танзиму дастгирии давлатии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ истифода шаванд.

Дар диссертатсия таклифҳои усулӣ ва тавсияҳои амалӣ густариши таҳқиқоти минбаъдаи илмиро мусоидат менамоянд. Дар диссертатсия тавсияҳо оид ба ташаккули низоми аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидабахши дар мавриди ташкили тағйироти сохтории заминҳои кишт пешниҳод карда шудаанд. Пешгӯйии ҳамкориҳои ба мақсад мувофиқи ҷузъҳои идоракунии давлатии фонди замин имконият медиҳанд, ки масъалаҳои амалии ташкили истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои замин дар комплекси агросаноатии вилоят ҳал карда шаванд.

Тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсия пешниҳод шудаанд, барои истифода аз ҷониби барномаи мақсадноки беҳдошти замини вилоят қабул карда шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони ватанию хориҷиро дар соҳаи идоракунии заминҳои кишоварзӣ ва такрористеҳсоли ҳосилнокии он эҷодкорона истифода бурдааст. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд ва хулосаҳову пешниҳодҳо дар асоси ҷамъоварӣ, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ба анҷом расидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Соҳаи таҳқиқот ба қисматҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мутобиқат мекунад: 1.2. Муҷтамаи агросаноатӣ ва кишоварзӣ; Асосҳои илмии ташкил ва амалкарди муассисаҳои МАС; 1.2.6. Захираҳои заминии ташкилоти (муассисаҳои) МАС ва истифодаи самараноки онҳо; 1.2.14. Банақшагирӣ ва пешгӯйии фаъолияти ташкилоти (муассисаҳои) МАС; 1.2.16. Консепсияи менеҷменти аграрӣ ва баланд бардоштани самараноки он дар МАС; 1.2.18. Сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти ташкилоти (муассисаҳои) МАС; 1.2.23. Асосҳои амнияти озуқаворӣи кишвар ва роҳҳои ҳалли он. Ҳолат ва усулҳои идоракунӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ бо иштироки

бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст, ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Муаллиф мустақилона доир ба такмили механизми ташкиливу иқтисодии идоракунии заминҳои кишоварзӣ, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат менамояд ва алгоритмҳои пайдарпайии таҳлили истифодаи замин, мониторинги он ва консепсияи истифодаи замини аз ҷиҳати экологӣ бехатарро пешниҳод намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Муқаррароти асосии диссертатсия дар чорабиниҳои илмиву амалӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, баҳои мусбат гирифтаанд.

Натиҷаҳои назариявӣ, методологӣ ва усулие, ки дар диссертатсия ҷой доранд, аз тарафи муаллиф дар шакли маъруза дар конференсияҳои илмӣ-амалии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 6 мақола, аз он ҷумла 3 мақола дар нашрияҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва номгӯйи адабиёти истифодашуда иборат буда, дар 197 саҳифаи матни компютерӣ дарҷ гардидааст ва дорои 9 расм, 28 ҷадвал ва 12 диаграмма мебошад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ асоснок гардида, муайян намудани дараҷаи коркарди масъала, мақсад, вазифаҳо ва объекти таҳқиқот, навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии он баён гардидааст.

**Дар боби якум** – “**Асосҳои назариявии таҳқиқи амнияти иқтисодӣ дар асоси истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ”** муносибатҳои назариявии муосир доир ба моҳият ва арзёбии амнияти озуқаворӣ, мавриди таҳқиқ қарор гирифта, мазмуни иҷтимоию иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ва меъёрҳои арзёбии истифодаи самараноки он дар низоми таъмини амнияти озуқаворӣ тавсиф дода шуда, нақши бунёдии самаранокии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ ба таъмини амнияти озуқаворӣ асоснок карда шудаст.

Дар кори диссертатсионӣ пеш аз ҳама ба мафҳуми «амнияти озуқаворӣ» вобаста ба муносибатҳои нави заминистифодабарӣ, ки ба истифодабарии захираҳои замин алоқамананданд, муқаррарот ворид карда шудааст. Унсурҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ - мавҷудияти ҷисмонии ғизо ва имконияти иқтисодии дастрасии аҳолӣ ба молҳои озуқа, тавсиф дода шуда, ба моҳияти худтаъминкунии озуқаворӣ таваҷҷӯҳи ҷиддӣ дода шудааст: қобилияти аҳолии деҳот, ки барои истеъмоли худӣ дар қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ ва хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ маҳсулоти озуқа истеҳсол менамоянд; қобилияти аҳолии шаҳр, ки барои истеъмоли худӣ маҳсулоти озуқавориро дар боғдории коллективӣ истеҳсол менамоянд. Муаллиф таъкид намудааст, ки мавриди тавсифи моҳияти амнияти озуқаворӣ бояд муносибати низомӣ, ки имкон медиҳад сифатҳои асосии амнияти озуқавории миллӣ тасниф ёбанд, истифода шавад (расми 1.).




**Расми 1.-** Муносибатҳои асосӣ нисбат ба тавсифи мафҳуми амнияти озуқаворӣ [1]

Хусусиятҳои бехатарии озуқавории миллӣ тавсиф ёфтааст:

- қобилияти низоми озуқавории мамлакат ва минтақаҳо, ки (барои истеҳсол, воридот, нигоҳ доштан) ва ба истеъмолкунандаи охирин пешниҳод кардани маҳсулоти озуқаро ба миқдори зарурӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои оқилонаи тамоми гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ (дастрасии эҳтимолии ҷисмонӣ ғизо) таъмин намояд;

- имконияти иқтидорӣ ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоии ба истеъмоли миқдорӣ кофӣ ва маҷмуи мутавозини гуногунии маҳсулоти озуқаворӣ,

ки ба меъёрҳои ғизоии қабулшуда ва сифат (имконияти иқтисодии хариди ғизо) мувофиқат мекунанд;

- истеъмоли ғизои босифат ва ба миқдори кофӣ барои ғизои оқилона аз рӯйи мутавозини унсурҳои муҳимтарини ҳаёт (сифати ғизо);

Арзёбии вазъи амнияти озуқаворӣ зарурати таҳияи низоми меъёрҳо ва усулҳои ченкунии миқдории онро дар сатҳи ҷумҳурӣ ва вилоятҳои он, зимнан дар сатҳи гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ муайян мекунад. Аз ин лиҳоз, ҳар як сатҳ меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои худро барои муайян кардани амнияти озуқаворӣ дорад. Барои арзёбии амнияти озуқаворӣ якчанд гурӯҳи меъёрҳоро истифода мебаранд (расми 2).




**Расми 2**.- Меъёрҳои амнияти озуқаворӣ [5]

Дар асоси ин меъёрҳо мунтазам гузаронидани мониторинги таъмини амнияти озуқаворӣ ба мақсад мувофиқ аст. Қабули ин меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо ҳамчун асоси баҳодиҳии амнияти озуқаворӣ зарурати таҳияи низоми меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии амнияти озуқавориро ба миён меорад, ки аз рӯйи хусусиятҳои минтақавӣ ва соҳавӣ, тақсимоти ҳудудии меҳнат, захираҳо дар комплекси агросаноатӣ ва сатҳи гуногуни вазъи иҷтимоии иқтисодии минтақаҳо фарқ доранд.

Дар диссертатсия таъкид шудааст, ки захираи замин дар тамоми самтҳои раванди такрористеҳсолкунӣ ба таври органикӣ иштирок мекунад. Ҳамин тариқ, дар марҳалаи истеҳсолӣ, воситаю неъматҳои ҳаётан муҳим замин ба таркиби хароҷот дохил карда, ба воситаи арзишу нархҳои худ ҳаҷми хароҷоти зарурии ҷамъиятӣ ва инфиродӣ муайян менамояд.

Воридоти рента бо усулҳои андоз омили заминро дар заминаи муносибати тақсимот, конфигуратсияи қитъаҳои замин ва хусусиятҳои маконию ҷуғрофӣ ва коммуникатсионии қитъаҳои замин ба ҷойивазкунӣ, интенсивӣ ва суръати ҳаракати маҳсулоти омодашуда таъсири бевосита дорад. Ҳамзамон, нақши ин омилро дар самти иваз ва истеъмолро дар доираи такрористеҳсол тақвият мебахшад. Яке аз ҳолатҳои калидии дигар ин аст, ки қитъаи заминро ҳамчун объекти амволи ғайриманқул аз ҷиҳати ҷисмонӣ гирифтан ва ба макони дигар интиқол додан мумкин нест. Ин хусусияти вижагии замин имкон медиҳад, ки он доимо дар маркази таваҷҷӯҳ ва назорати ҷомеа нигоҳ дошта шудааст, ки низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ ва маҳдудиятҳо нишони возеҳи он аст.

Бодарназардошти ин хусусият, низоми идоракунии муносибатҳои заминро барои ноил шудан ба сатҳи зарурии таъминоти озуқаворӣ ва ашёи хом ба соҳаҳои саноат ба иҷрои вазифаҳои асосии зерин равона кардан лозим аст: омезиши оқилонаи манфиатҳои стратегӣ ва тактикӣ дар соҳаи истифодаи заминҳо дар кишоварзӣ, зарурат дар фаъолгардонии оқилонаи истифодабарии замин дар вобастагӣ ба мушкилотҳои маҳдудияти он ба миён меояд; содда ва дастрас кардани низоми баҳисобгирӣ ва бақайдгирии ҳуқуқи истифодабарии қитъаҳои замин; таъмини эътимоднокӣ ва самаранокии назорат аз болои истифодаи заминҳои кишоварзӣ.

Муаллифи кори диссертатсионӣ институти моликиятро ҳамчун шакли ташкилӣ ва ҳуқуқии заминистифобарии кишоварзиро баррасӣ менамояд, ки дар асоси стандартҳо ва регламенти меъёрҳои расмӣ ва

қоидаҳои ғайрирасмӣ ташаккул ёфта, ба субъектҳои хоҷагидори соҳаи кишоварзӣ, заминистифодабарандагони якуминдараҷа ва дуюминдараҷа соҳибӣ кардан, истифода ва ихтиёрдории қитъаҳои заминро имкон медиҳад. Маҳз, муқаррар намудани институти ҳуқуқи моликият бар истифодаи замин имконият медиҳад, ки иқтидори афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳар гектар муайян карда шавад ва дар сатҳи хоҷагиҳои мушаххас имкониятҳои зиёд кардани даромад ва таъмини истифодаи устувори замин арзёбӣ гардад.

Аз инҷо бармеояд, ки институти моликият дар низоми муносибатҳои ҳуқуқии замин вазифаи муҳими батартибдарории истифодабарии заминро иҷро карда, ҳифзи захираҳои замин, таъсиси сарҳадҳои субъектҳои муносибатҳои соҳибкорӣ, ворид намудани заминҳо ба гардиши кишоварзӣ, муайянкунии сарҳади ҳудуди муносибатҳои ғайрирасмии субъектҳо нисбат ба объектҳои моликият, зимнан накши давлат дар таъмини самаранок ва оқилона истифода бурдани заминҳоро ба танзим медарорад. Бояд қайд кард, ки хок, захираҳои табии дигар ва меҳнати бисёрсолаи меҳнаткашони соҳаи кишоварзӣ амалан боқӣ намондааст.

Дар навбати худ, тамоюли паст шудани сатҳи ҳолати агроэкологии заминҳои кишоварзӣ ба субботи фаъолияти субектҳои хоҷагидорӣ, ба ҳолати фаъолияти иқтисодӣ - молиявии онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Дар ҳолати имрӯза самараи истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ бо дараҷаи тараққиёти соҳаи зироаткории он муайян карда мешавад. Бодарназардошти хусусиятҳои минтақаҳо, ҷойгиршавии онҳо, инчунин, аз руйи самаранок истифодабарии захираҳои замин, хусусиятҳои истифодабарии захираҳои заминро ҷудо кардан мумкин аст. Дар баъзе минтақаҳо заминҳое вуҷуд доранд, ки дар истеҳсолоти кишоварзӣ ба пуррагӣ истифода бурда нашудаанд. Дар натиҷаи истифодабарии интенсивии қитъаҳои замин бо мурури вақт дараҷаи табиии ҳосилхезии онҳо паст мегардад. Аммо, ин метавонад бо роҳи гузаронидани тадбирҳои комплексии агротехникӣ ва чорабинии заминсозӣ, аз ҷумла ба замин андохтани нуриҳои маъданӣ ва органикӣ барқарор кардан мумкин аст.

Низоми имрӯзаи муносибатҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ иҷроиши шарти асосиро дар фаъолияти истеҳсолӣ – барқарорсозии захираҳои заминро, ки ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот мебошад, таъмин намекунад. Ҳадафи ислоҳоти аграрӣ - тағйир додани муносибати моликият ба воситаҳои истеҳсолот, махсусан ба замин, ба вуҷуд

овардани механизми бозории танзими равандҳои такрористеҳсолкунӣ дар кишоварзӣ мебошад. Дар доираи ислоҳоти гузаронидашуда дар самти кишоварзӣ ба низоми нав табдил додани муносибатҳои замин диққати махсус дода шудааст. Ин бо мақсади фароҳам овардани шароит ҷиҳати истифодабарии шаклҳои гуногуни замин ва истифодаи оқилонаи он мебошад.

Дар ин ҷода, мелиоратсияи замин нақши ҳалкунанда пайдо мекунад. Мелиоратсияи комплексии замин имкон медиҳад, ки иқтидори ҳосилнокии зироатҳои кишоварзии дар заминҳои обӣ парвариш кардашаванда бештар истифода шуда, оқибатҳои манфии экологии дар шакли хушкшавӣ, шӯршавии такрорӣ ва ботлоқ шудани заминҳои обӣ пешгирӣ карда шаванд. Барои пешгирӣ намудани бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои обӣ ва низомҳои обёрӣ истифодаи технологияи обёрии каммасрафро ба роҳ монда, дар мавридҳои зарурӣ бо заҳбурҳои нав таъмин кардан лозим аст.

**Дар боби дуюм – “Арзёбии вазъи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва сатҳи амнияти озуқавории вилояти Суғд”** ба арзёбии ҳолати муосири рушди соҳаи кишоварзӣ ва фонди заминҳои кишоварзии вилояти Суғд, таҳқиқи омилҳои самаранок ва идоракунии самарабахши заминҳои таъиноти кишоварзӣ, инчунин ба арзёбии ҳолати истиқлол ва амнияти озуқавории вилоят дар раванди истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ бахшида шудааст.

Вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз минтақаи калони мамлакат маҳсуб ёфта, масоҳати он 25,2 ҳазор километри мураббаъро ташкил медиҳад. Дар вилоят соли 2022 “...беш аз 2823,9 ҳазор нафар аҳолӣ умр ба сар бурда, зичии он ба ҳисоби миёна ба як километри мураббаи масоҳат 112,1 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2017 20,9 нафар зиёд мебошад. Дар ҳудуди вилоят 14 ноҳия, 8 шаҳр, 93 ҷамоати деҳот мавҷуд аст. Шумораи аҳолии шаҳрҳо 674,4 ҳазор нафар (23,9% шумораи умумии аҳолии вилоят) ва аҳолии деҳот бошад 2149,5 ҳазор нафар (76,1%)-ро ташкил медиҳад” [6].

Дар вилоят Суғд асосан, ба соҳаҳои кишоварзӣ машғуланд ва дар таъмини амнияти озуқавории вилоят саҳми назаррас гузошта истодаанд. Умуман, ба вилояти Суғд соли 2023 беш аз 29,4 %-и истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ рост омада аст, ки нисбат ба соли 2017 ба 0,1 банди фоиз кам шудааст. Дар шаш соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии мамлакат аз 41,4 то 63 млрд сомонӣ ва ё 52,1% ва дар вилояти Суғд бошад, ин нишондиҳанда аз 12,6 то 18,5 млрд сомонӣ ва ё 46,8% афзудааст.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки суръати рушди истеҳсолоти маҳсулоти умумии кишоварзӣ бо нархҳои соли 2023 дар мамлакат аз сатҳи рушди вилоят баландтар мебошад (диагр. 1).




**Диаграммаи 1.** Динамикаи маҳсулоти умумии кишоварзӣ ва соҳаҳои он дар вилояти Суғд (млн. сомонӣ) тибқи омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с.200.

Дар диссертатсия дар навбати аввал таҳлили муқоисавии сохтори умумии заминҳои кишоварзии мамлакат ва аз он ҷумла вилояти Суғд гузаронида шудааст.

**Ҷадвали 1.-** Сохтори умумии заминҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Суғд (ҳазор гектар)

| | 2017 | | 2023 | | Тағйирот (+,-) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вилояти Суғд | Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вилояти Суғд | Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вилояти Суғд |
| Масоҳати умумии замин | 14137,7 | 2518,5 | 14137,9 | 2518,8 | 0,2 | 0,3 |
| Ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ | 3658,2 | 1098,2 | 3683,5 | 1099,7 | 25,3 | 1,5 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| замини корам | 657,3 | 228,5 | 661,7 | 232,4 | 4,4 | 3,9 |
| ниҳолҳои бисёрсола | 148,2 | 77,4 | 156,9 | 80,5 | 8,7 | 3,1 |
| заминҳои алафдарав | 15,8 | 1,1 | 16,2 | 1,1 | 0,4 | - |
| Чарогоҳ | 2809,6 | 784,5 | 2829,7 | 782,0 | 20,1 | -2,5 |
| замини партов | 27,1 | 6,7 | 19,0 | 3,7 | -8,1 | -3 |

**Сарчашма:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, с. 275; Омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с.205

Чи тавре, ки рақамҳои ҷадвали 1 нишон медиҳанд, соли 2023 дар ҷумҳурӣ масоҳати умумии замин 14137,9 ҳазор гектарро ташкил дода, нисбат ба соли 2017 - 0,2 ҳазор гектар зиёд шудааст. Дар ин вилоят масоҳати умумии замин 2518,8 ҳазор гектарро ташкил додааст. Дар муқоиса нисбат ба соли 2017 - 0,3 ҳазор гектар афзудааст. Дар соли 2023 масоҳати умумии замини вилоят 17,8 фоизи масоҳати умумии заминҳои мамлакат ташкил додааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2017 бетағйир мондааст.

Дар ҷумҳурӣ соли 2023 ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ 3683,5 ҳазор гектарро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2017 дар майдони 25,3 ҳазор гектар зиёд шудааст. Ҳиссаи он дар масоҳати умумии замин 25,9 фоизро ташкил дода, нисбат ба соли 2017 0,3 банди фоиз афзудааст. Дар вилояти Суғд бошад, ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ дар давраи таҳлилӣ 1,5 ҳазор гектар зиёд шудааст. Заминҳои истифодаи кишоварзии вилоят ба ҷамъи заминҳои кишоварзии мамлакат соли 2023 дар сатҳи 29,9% қарор дошт.

Дар вилояти Суғд соли 2023 майдони заминҳои корам 232,4 ҳазор гектарро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2017 дар майдони 3,9 ҳазор гектар зиёд шудааст. Заминҳои зери ниҳолҳои бисёрсола, ки 80,5 ҳаз. гектарро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2017 - 3,1 ҳазор гектар зиёд шудааст. Аммо, замини алафдарав ва чарогоҳ, ки заминаи рушди соҳаҳои чорводориро ташкил медиҳанд, тамоюли камшавиро гирифтааст. Тамоюли мусбат дар он аст, ки дар вилоят майдони заминҳои партов аз 6,7 то 3,7 ҳазор гектар кам шудааст, яъне раванди ба гардиши кишоварзӣ ворид шудани заминҳои партов фаъол гаштааст.

Муаллиф барои муайян кардани сатҳи ҷамъии (якҷоягии) захираҳои замин дар вилояти Суғд ҳамчун нишондиҳанда “...индекси консентратсияи Ҳерфиндел-Хиршманро истифода бурдааст ($H = \Sigma x_i^2$), индекси мазкур имкон медиҳад, ки сатҳи консентратсияи категорияҳои гуногуни захираҳои замин” [14] дар ноҳияҳои алоҳида муқоиса карда шавад.

Заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар вилояти Суғд бо чунин тарз истифода бурда мешаванд: Деваштич - 14,8 фоиз, Зафаробод - 10,8 фоиз, Б.Ғафуров - 0,6 фоиз, Истаравшан - 10,7 фоиз, Панҷакент - 10,22 фоиз, Мастчоҳ - 9,3 фоиз, Спитамен - 5,9, Ҷ.Расулов - 6,4 фоиз Ашт - 5 фоиз, Конибодом - 4,79%.

Захираҳое, ки шохиси Херфиндал - Хиршман аз 1800 зиёд аст, монополияи баланд ба ҳисоб меравад. Дар ҳисоби мо ин шохис 874 буд, яъне, монополия вуҷуд надорад.

Барои баҳо додан ба дараҷаи тафовут дар тақсимоти заминҳои кишоварзӣ аз рӯйи ноҳияҳо, бодарназардошти шумораи аҳолии дар онҳо зиндагӣ кардан, муаллиф принсипи Лоренс, ки ҳамчун қаҷхаттаи Лоренс маъмул аст, истифода бурдааст (Ҷадв. 2).

**Ҷадвали 2. -** Гурӯҳбандии ноҳияҳо аз рӯйи вазни хоси аҳолӣ ва заминҳои кишоварзии ба онҳо вобастагардида дар соли 2023

| Гурӯҳи ноҳияҳо аз рӯйи вазни хоси аҳолӣ, % | Ноҳия, шаҳр | Майдони кишт, га | Вазни хос, % | Ба як шаҳрванд, га |
|---|---|---|---|---|
| Якум: то 3,9 | Айнӣ, Зафаробод, Шаҳристон, Кӯҳистони Мастчоҳ | 52034,9 | 18,6 | 0,74 |
| Дуюм: 4,0 – 7,9 | Ашт, Деваштич, Конибодом, Мастчоҳ, Спитамен, Ҷ.Расулов | 113301,9 | 40,5 | 0,48 |
| Сеюм: 8,0 – 11,9 | Исфара, Панҷакент, Истаравшан | 69100,2 | 24,7 | 0,32 |
| Чорум: Зиёда 12,0 | Б.Ғафуров | 45320,8 | 16,2 | 0,39 |

**Сарчашма**: Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Минтақаҳои ҶТ. – 2023, С. 17, 115, 117, 119, 121, 123, 125.

Тавре аз маълумоти ҷадвали 2 дида мешавад, “...зиёда аз 40,5 фоизи майдони кишти вилояти Суғд ба гурӯҳи ноҳияҳое рост меояд, ки ҳиссаи аҳолии онҳо аз 4 то 7,9 фоизро ташкил медиҳад. Ба гурӯҳи ноҳияҳое, ки ҳиссаи аҳолии вилоят дар доираи то 3,9 фоизро ташкил медиҳад, 18,6 фоизи майдони кишт, гурӯҳи ноҳияҳо дар доираи аз 8,0 то 11,9 фоиз 24,7 фоизи майдони киштро ташкил медиҳад. Дар ин гурӯҳҳои ноҳияҳо нишондиҳандаи заминҳои кишоварзӣ ба ҳар аҳолӣ мутаносибан 0,74 ва 0,32 гектарро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, доираи тафовути тақсимоти сарватҳои замин ҳамчун сарвати бебаҳои аҳолӣ дар байни ин гурӯҳҳои ноҳияҳо 24,3 фоизро” [7] ташкил медиҳад.

Фаъолияти самараноки субъектҳои хоҷагидорӣ соҳаҳои кишоварзии ноҳияҳои номбаршуда дар ниҳояти кор сатҳу сифати рушди соҳаҳои кишоварзии вилоятро муайян менамоянд. Самаранокии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ, аз ин лиҳоз, самаранокии истеҳсолоти кишоварзиро шаклҳои хоҷагидорӣ ва заминистифодабарӣ вобаста ба ҳуқуқи моликият барои истифодабарӣ вобаста мебошад. Бинобар он, муаллиф тақсимоти заминҳои кишти зироатҳоро аз рӯйи категорияи хоҷагиҳо мавриди омӯзиш қарор додаст. Таҳлилҳо нишон додаанд, ки соли 2023 дар вилояти Суғд корхонаҳои кишоварзӣ 47,3 ҳазор гектар замини кишт ва ё 18,9 фоизи майдонҳои кишти вилоятро дар ихтиёри худ

доштанд. Майдони кишти онҳо нисбат ба соли 2017 13,7 ҳазор гектар зиёд шуда, ҳиссаи онҳо 4,6 банди фоиз афзудааст.

Ин тамоюли зиёдшавӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки солҳои охир мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд бевосита ба ташкили хоҷагиҳои нисбатан калон таваҷҷӯҳи ҷиддӣ дода истодааст, ки он ба талаботи сохтори ташкиливу технологии нав, яъне ташкили хоҷагиҳои коллективии дар пояи истифодаи механизми интегратсияи кишоварзиву саноатӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин ҳолат самараи қонуни иқтисодии афзалияти корхонаҳои калон нисбат ба корхонаҳои хурд дар самти афзун намудани сармоягузориҳову ташкили фаъолияти инноватсионӣ рӯйи кор меояд. Дар ин давраи таҳлилӣ майдони кишти хоҷагиҳои хонаводагӣ, ки маҳз онҳо таъмингарони маҳсулоти гӯшту шир ва сабзавот дар бозорҳои маҳаллӣ мебошанд, низ қариб аз 4,4 то 4,5 ҳазор гектар ва ҳиссаи онҳо дар майдони умумии кишти вилоят 0,1 банди фоиз афзудааст.

**Ҷадвали 3.** Таъсири тағйирёбии сохтори заминҳои кишоварзӣ

| | Истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ба 1 га замин ба ҳисоби миёна дар шаш соли охир, сомонӣ | Сохтори заминҳои кишоварзӣ, % | | | Тағйироти истеҳсоли маҳсулот ба 1 га. сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2017 | 2023 | Тағйироти соли 2023 нисбат ба соли 2017, банди фоиз, % | |
| Ба 1 гектар ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ | 10482,7 | | | | |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| замини корам | 49859,5 | 20,9 | 21,1 | 0,2 | + 99,5 |
| ниҳолхои бисёрсола | 149728,8 | 6,7 | 7,2 | 0,5 | + 748,6 |
| замини алафдарав | 11024981,8 | 0,10 | 0,09 | -0,01 | -1102,5 |
| чарогоҳ | 14694,8 | 71,6 | 71,2 | -0,4 | - 58,8 |
| замини партов | 2264641,05 | 0,61 | 0,38 | - 0,23 | +5208,7 |
| Ҳамагӣ | - | 100,0 | 100,0 | 0,06 | 4895,5 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф аз рӯйи Омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с. 203-205

Тавре, ки маълумоти ҷадвали 3 нишон медиҳад, тағйир додани сохтори заминҳои кишоварзӣ ба самти афзоиши ҳиссаи заминҳои корам (мазраъ) ва ниҳолҳои бисёрсола боиси аз 1 гектар мувофиқан зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 99,5 ва 748,6 сомонӣ гаштааст. Дар натиҷаи ба гардиши кишоварзӣ даромадани заминҳои партов истеҳсолоти маҳсулот аз ҳар як гектар ба сатҳи 5208,7 сомонӣ зиёд шудааст. Дар натиҷаи тағйир ёфтани сохтори заминҳои кишоварзӣ дар умум боиси аз 1 гектар зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар сатҳи 4895,5 сомонӣ гашта, аз тамоми майдони заминҳои таъиноти

кишоварзӣ зиёд шудани ҳосил "...дар ҳаҷми 5277 ҳазор сомонӣ гардид. Яъне, аз 2,6 млрд сомонӣ ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (бо нархҳои соли 2020), ки соли 2023 нисбат ба соли 2017 дар қимати мутлақ афзудааст, 0,2 фоизи он аз ҳисоби тағйироти сохтории майдони заминҳои кишт рух додааст" [10].

Таҳлил нишон дод, ки давраи солҳои 2017-2023 маҳсулоти умумии кишоварзӣ (бо нархҳои соли 2022) 46,8% зиёд шудааст, истеҳсоли он ба 1 га ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ 46,3% ва заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ 41,5% зиёд шудааст. Зиёдшавии ин нишондиҳандаи сифатӣ дар натиҷаи афзудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ба ҳар як гектар заминҳои истифодаи кишоварзӣ, ки дар давраи таҳлилӣ 68,7% афзудааст, зиёд гардидааст.

Муаллиф таъкид менамояд, ки сатҳу сифати таъмини амнияти озуқаворӣ аз сатҳу сифати рушди муҷтамеи агрсаноатии вилоят ва истифодаи захираи асосии соҳаи кишоварзӣ - заминҳои кишоварзӣ вобаста мебошад. Арзёбии вазъияти ҳозираи муҷтамеи агросаноатии вилояти Суғд нишон медиҳад, ки дар давоми солҳои охир ҳолати иқтисодиёти кишоварзӣ, ки ҷузъи гиреҳии муҷтамеи агросаноатӣ мебошад, хеле беҳтар гардидаст. Тамоюли содироти маҳсулоти озуқаворӣ нахуст нишондиҳандае, мебошад, ки доир ба рушди истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва истиқлолияти озуқавории вилоят шаҳодат медиҳад.

Иқтисодиёти кишоварзии вилояти Суғд дар давраи соҳибистиқлолии мамлакат ба муносибатҳои тиҷоративию иқтисодии ҷаҳон шомил шудааст. Дар кори диссертатсионӣ вазъи содироти маҳсулоти озуқавории вилояти Суғд дар ҳамкорӣ бо ду шарикони рушд: Федератсияи Россия ва Қазоқистон мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст. Аз он ҷумла, ҳаҷми содироти пиёз дар давраи солҳои 2018-2023 ба Казоқистон аз 2,1 то 5,8 млн доллари ИМА зиёд шуда, ба Федератсияи Россия бошад аз 36,8 то 5,6 ҳазор доллари ИМА паст фаромадааст, яъне, Қазоқистон воридоткунандаи асосии махсулоти мазкур барои вилояти Суғд гардидааст. Содироти дигар маҳсулоти кишоварзӣ бошад, ба ин кишварҳо соли 2023 мувофиқан 856 ва 1249,5 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил дода, тамоюли афзоиш дорад.

Афзоиши мутлақи содироти ангур дар ин давра ба Федератсияи Россия - 198,9 ҳазор доллари ИМА ва ба Қазоқистон 390,5 ҳазор доллари ИМА нисбат ба соли 2018 зиёд шудааст. Вилояти Суғд аслан, ба содироти меваи хушк мувофиқ шудааст. Беш аз 90 фоизи содироти ин навъи озуқавории мамлакат ба вилояти Суғд рост меояд. Дар соли 2023

ҳаҷми содирот ба Федератсия Россия 12836,0 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2018 дар ҳаҷми 12008,5 ҳазор доллари ИМА зиёд аст. Зимнан, ба Қазоқистон бошад, дар ҳаҷми 11949,3 ҳазор доллари ИМА содирот шудааст, ки нисбат ба соли 2018 дар ҳаҷми 9177,4 ҳазор доллари ИМА зиёд аст.

Тамоюли афзудани содироти маҳсулоти озуқаворӣи номбаршуда оид ба таъминоти барзиёдии он ба талаботи дохилӣ шаҳодат медиҳад ва дар ин самт амнияти озуқаворӣ таъмин аст. Аммо, чуноне, ки таҳлилҳои мо нишон додаанд, пастравии ҳосилнокии ангуру меваҷот метавонад таҳдид ба амнияти озуқаворӣи ин навъи маҳсулот пайдо кунад. Дар давраҳои қаблӣ дар вилоят намудҳои асосии воридоти маҳсулоти озуқаворӣ дар ҳаҷми назар ба истеҳсолаш хеле зиёд мушоҳида мешуд. Айни замон пайваста бо татбиқ намудани "Барномаи давлатии рушди содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025" (аз 30 апрели соли 2021, №169), ки ҷиҳати пайдо намудани шароити мусоид бо мақсади татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти иқтисодии хориҷӣ, рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ, ба афзун гардонидани ҳаҷми содирот, коҳиш додани ҳиссаи молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ дар ҳаҷми умумии воридот мусоидат намудааст, ба коҳиш ёфтани ҳаҷми воридоти аксари маҳсулоти озуқаворӣ мушоҳида мешавад.

Аммо, бояд қайд намуд, ки воридот ҷузъи муҳими амнияти озуқаворӣ мебошавд. Зеро, он барои дар тамоми сол таъмин намудани аҳолӣ бо озуқаворӣи зарурӣ ва норасоии баъзе маҳсулоти озуқавориро ба тариқи мубодилаи байналмилалӣ бо маҳсулоти озуқаворӣи изофагӣ, ки дар вилоят истеҳсол мешавад, рӯйпӯш менамояд. Вилояти Суғд асосан, орд, гандум ва равғани растанӣ воридот менамояд. Соли 2023 вилояти Суғд аз Қазоқистон дар ҳаҷми 243789,2 ҳазор доллари ИМА гандум ворид намудааст, ки нисбат ба соли 2018 дар қимати мутлақи 184035,6 ҳазор доллари ИМА кам мебошад. Дар ин давра ҳаҷми воридоти равғани растанӣ бошад, аз 10125,2 то 35184,3 ҳазор доллари ИМА, яъне беш аз 25059,1 ҳазор доллар зиёд шудааст.

Агар хоҷагиҳои кишоварзӣ ва корхонаҳои МАС қобилияти истеҳсолии худии ғалладонаро барои қонеъ гардонидани талаботи пурраи аҳолӣ ба маҳсулоти ғалладона медоштанд, пас ин маблағ дар дохили кишвар барои рушди онҳо сафарбар мешуд.

Азбаски истеҳсоли ғалладона, бахусус гандум, нишондиҳандаи асосии амнияти озуқаворӣ дар тамоми ҷаҳон қабул шудааст, бинобар то мо таносуби истеҳсоли худӣ ва воридотӣ ва аз ин лиҳоз истиқлолияти

истеҳсоли озуқавориро дар самти таъмини маҳсулоти ғалладонагӣ баррасӣ менамоем. Дар назария ва амалияи ҷаҳонӣ меъёри мӯътадили маҳсулоти нониро ба ҳар як нафар аҳолӣ 116 килограмм дар як сол муайян намудаанд. Илова бар ин маъмул аст, ки аз ҳар як килограмми гандум 69-65 фоизи маҳсулоти нонӣ истеҳсол мешавад.

**Ҷадвали 4.-** Ҳолати истеҳсол, воридот ва истиқлолият дар амнияти таъмини маҳсулоти ғалладона дар вилояти Суғд

| № | | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | С.2023 нисбат ба 2018, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Истеҳсоли ғалла дар вазни баъди коркард, ҳазор тонна | 295,1 | 268,9 | 328,2 | 350,0 | 327,2 | 406,7 | 137,8 |
| 2. | Истеҳсол бар ҳар нафар аҳолӣ, кг/сол | 113,1 | 101,2 | 121,2 | 125,7 | 115,8 | 120,3 | 106,3 |
| 3. | Сатҳи мутобиқатии ғалла ба меъёри маҳсулоти нонӣ, кг/сол (зарб ба 0,63) | 71,9 | 63,7 | 76,3 | 79,2 | 72,9 | 75,8 | 111,9 |
| 4. | Воридоти гандум, ҳазор тонна | 67,7 | 57,0 | 68,8 | 76,1 | 81,3 | 78,4 | 115,8 |
| 5. | Воридот бар ҳар нафар аҳолӣ, кг | 25,9 | 21,4 | 25,4 | 27,3 | 28,8 | 28,1 | 108,4 |
| 6. | Сатҳи мутобиқати ғалла ба меъёри маҳсулоти нонӣ, кг/сол (зарб ба 0,65) | 16,8 | 13,9 | 16,5 | 17,7 | 18,7 | 18,2 | 108,3 |
| 7. | Истеъмоли воқеии ҳар як нафар аҳолӣ (с.3+с.6) | 88,7 | 77,6 | 92,8 | 96,9 | 91,6 | 94,0 | 105,9 |
| 8. | Сатҳи наздикшавӣ ба меъёр (с.7/116 х100), % | 76,1 | 66,8 | 80,0 | 83,5 | 78,9 | 81,0 | 4,9 бф |
| 9. | Истеҳсоли худӣ нисбат ба ҳамагӣ, % | 83,3 | 82,7 | 82,7 | 82,1 | 80,1 | 80,6 | -2,7 |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Суғд. - 2024, С.220-322.

Аз маълумотҳои дар ҷадвали 4 овардашуда маълум мешавад, ки истеҳсоли ғалла дар вазни баъди коркард дар иқтисодиёти кишоварзии вилоят дар давраи солҳои 2018-2023 - 37,8% афзуда, истеҳсол ба ҳар як нафар аҳолӣ бошад 6,3% зиёд шудааст. Дар ин панҷ сол сатҳи мутобиқатии ғалла ба меъёри маҳсулоти нонӣ кг/сол ба ҳисоби миёна 72,8 килограммро дар як сол ташкил додааст. Воридоти гандум дар давраи таҳлилӣ бошад 15,8 фоиз афзуда, аз суръати истеҳсоли ғаллаи худӣ паст аст, ки ин тамоюлоти мусбӣ мебошад. Воридоти гандум ба ҳар сари аҳолӣ бошад 8,4% афзудааст.

Истеъмоли воқеии ҳар як нафар аҳолӣ бодарназардошти воридоти ғалла 5,9% афзуда, сатҳи наздикшавӣ ба меъёр, яъне ба 116 кг дар як сол ба ҳар сари аҳолӣ, ки ба ҳайси қиммати ақал метавон интихоб намуд, 4,9 банди фоиз афзудааст. Таҳлил нишон дод, ки истиқлолият дар таъмини ғаладона ба ҳар сари аҳолӣ, яъне истеҳсоли ғаллаи худӣ нисбат ба ҷамъи истеҳсолу воридот 2,7 банди фоиз кам шудааст. Ҳамин тариқ, таҳдидҳо барои амнияти озуқаворӣ дар ин маҳсулоти муҳим вуҷуд дорад.

Таъсири манфии ин таҳдидро метавон тавассути баланд бардоштани самаранокии майдони кишти ғалладона бартараф намуд. Барои истеҳсоли ғалладона дар вилояти Суғд майдони аз ҳама васеи кишт, яъне миёни дигар зироатҳо аз ҳама баландтарин нишондиҳанда, 46 фоизи тамоми майдонҳои кишт рост меояд, ки бо ин иқтидор метавон истиқлолияти озуқавории ғалладона таъмин шавад. Аммо, чуноне, ки мебинем, самаранокии воқеӣ ва ё натуралии истифодаи замин ҳосилноқи аз ҳар як гектар ба ҳисоби миёна 23 сентнер/га-ро ташкил дода, соли 2023 нисбат ба соли 2017 паст шудааст. Агар қимати миёнаи ҷаҳонии ҳосилнокии гандум дар сатҳи максималӣ ба ҳар як гектар 42,0 сентнер рост ояд (дар обиаш аз ин ҳам зиёдтар мебошад), пас сатҳи ҳосилнокии ғалладонаи вилояти Суғд аз ин қиммат 23 сентнер/га паст мебошад.

Муаллиф тасдиқ намудааст, ки барои таъмини рушди зеркомплекси озуқавороии комплекси агросаноатии вилоят талаботи самранок мавҷуд мебошад. Таҳлили даҳсоли охири истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ ба як аъзои хонавода дар як моҳ ба маҳсулоти озуқа тамоюли афзоиши онро нишон додааст: соли 2023 аҳолӣ ба як аъзои хонавода дар як моҳ барои харидани маҳсулоти озуқа 524,29 сомонӣ сарф намудааст, ки нисбат ба соли 2014 беш аз 3 маротиба зиёд мебошад. Дар диссертатсия дар асоси маълумоти омории даҳ соли охир ҳаҷми мӯътадили хароҷоти аҳолӣ ба як аъзои хонавода дар як моҳ ба маҳсулоти озуқаворӣ тавассути ҳисоб намудани тренди хатии тағйироти он дурнамогирӣ шудааст.

Барои муайян намудани тренди хароҷоти аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ мо муодилаи хатии регрессионии зеринро истифода шудааст: Ft = B0+ B1 t, ки дар ин ҷо Ft – қиммати тамоюл (тренд) дар тири ординат дар лаҳзаи t; B0 – нукта, ки дар он тамоюли буриши тири координат; B1 – коэффисиенти майли (наклон) хати тамоюл. Дар натиҷаи ҳисоб Ft = 53,36+42,96 xt -ро гирифтааст, яъне муодила нишон медиҳад, ки хариди маҳсулоти озуқа ҳар сол дар як моҳ ба ҳисоби миёна бояд 42,96 сомонӣ зиёд шавад. Ҳаҷми ҳақиқии истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ ба як аъзои хонавода дар як моҳ ба маҳсулоти озуқа солҳои 2014-2015 ва солҳои 2021-2023 аз хати тренд баланд буд.

Ин ҳолат аз сатҳи баланди қобилияти харидорӣ ва ё дастрасии иқтисодии хонаводаҳо шаҳодат медиҳад. Солҳои 2016-2020 нишондиҳандаи ҳақиқӣ ва ё воқеӣ аз хати тренд паст буд. Умуман, нишондиҳандаи солонаи афзоиши ҳаҷми харочотро дар саттҳи 42,96 сомонӣ дар як моҳ ба як нафар вобаста ба афзоиши даромади аҳолӣ ва сатҳи тавваррум дар асос гирем, пас дар дурнамои афзоиши устувор дорад, ки он дар диаграммаи 2 нишон дода шудааст.




**Диаграммаи 2.-** Тамоюли ҳаҷми хариди маҳсулоти озуқа ба ҳар нафар дар як моҳ, сомонӣ, ҳисоб карда шуд тибқи: Омори солонаи вилояти Суғд, 2016. с. 193; Омори солонаи вилояти Суғд, 2021, с. 214; Омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с. 127-129.

Дар боби сеюм - **Самтҳои асосии баланд бардоштани истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва амнияти озуқаворechии вилояти Суғд”** консепсияи ташкил ва идоракунии истифодабарии устувори заминҳои кишоварзӣ ҳамчун шарти таъмини амнияти озуқаворӣ, асосок карда шуда, тавсияҳо доир ба мукаммалгардонии самтҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин коркард шудааст.

Дар кори диссертатсионӣ дар асоси ҷамъбасти адабиёти илмӣ доир ба мавзӯъ пешниҳод шудааст, ки консепсияи истифодаи замини аз ҷиҳати экологӣ бехатар дар асоси идоракунии оқилонаи заминҳои кишоварзӣ қарор гирад, ки истифодаи аз ҷиҳати экологӣ бехавфи замин, ин: “...объекти идорашавандаи қитъаи замини истифодашаванда мебошад, ки дар низоми муносибатҳои ҳуқуқиву иқтисодӣ аз ҳама гуна таъсироти хатарноки вобаста ба вайрон кардани ҳуқуқҳои қонунӣ, талафот, вайроншавӣ сифати замин, ки айни замон ба он ва ҳамсояқитъаҳои заминҳо таҳдиди экологӣ эҷод намекунад” [3].

Истифодаи устувор ва бехатари замин бевосита ва дар баъзе мавридҳо ғайримустақим шарти захиравӣ ва иқтисодии таъмини намудҳои муҳими амнияти озуқаворӣ мебошад (ҷадв. 5).

**Ҷадвали 5.-** Шароитҳо ва омилҳои заминӣ-захиравии таъмини намудҳои муҳими амнияти иқтисодӣ

| № | Намудҳо | Тавсифи мухтасар |
|---|---|---|
| 1. | Озуқаворӣ | Нигоҳдорӣ, ҳифз ва такрористеҳсолии заминҳои ҳосилхез бо мақсади таҳкими истеҳсоли дохилии маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ, саноат бо ашёи хом дар ҳаҷми зарурӣ барои рушди иқтисодӣ, инчунин зиёд намудани содирот ҳангоми кам кардани воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ ба дараҷаи окилона |
| 2. | Иқтисодӣ | Бартараф ё кам кардани омилҳои манфии эҳтимолӣ, таҳдидҳо, хатарҳо ва тамоюлҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва минтақаҳо дар асоси ҷалби муомилот (барқарорсозӣ, такрористеҳсол,) захираҳои замин |
| 3. | Истеҳсолӣ | Истеҳсоли бисёрҷонибаи истифодаи иқтидори захиравии заминҳои кишоварзӣ барои нигоҳ доштани суръати муътадили рушди иқтисодӣ, рушди бартаридоштаи соҳаҳои агросаноатии дорои арзиши иловашуда ва даромаднокии баланд, таъмини азхудкунии заминҳои ҳосилхез ё беҳтар намудани ҳолати минтақаҳои алоҳидаи камҳосил |
| 4. | Экологӣ | Ҳифзи экологии замин дар ҳолати табиӣ, ҳифз кардани қитъаҳои минтақаҳои муҳофизатшаванда, ташкили минтақаҳои муҳофизатӣ |
| 5. | Илмию техникӣ | Баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар маҳсулоти бо истифода аз замин истеҳсолшуда, фароҳам овардани шароит барои ҷорӣ намудани технологияҳои интенсивӣ, ки таҷдиди сохтор ва навсозии иқтисодиёти аграриро таъмин мекунанд |
| 6. | Иҷтимоӣ | Таъмини иҷтимоии ҳуқуқи моликият ба истифодаи қитъаи замин, барои ҳама гуна намуди истифодаи иҷозатдодашуда, андозбандии имтиёзноки истифодабарандагони замин барои табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ |

**Сарчашма:** Свитин В. А. [12]

Аз маълумоти ҷадвали 5 аён аст, ки ҳангоми баррасии ҷиҳатҳои захиравии амнияти иқтисодӣ, пеш аз ҳама, “...қобилияти замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот дар соҳаҳои кишоварзӣ, аз он ҷумла намудҳои фаъолияти иқтисодиву хоҷагидорӣ мебошад. Дар баробари ин, бояд хосиятҳои табиии ивазнашавандаи онҳо, инчунин мавҷудияти атрибутӣ ва ё сифати амволи асосӣ дар радифи сарвати миллии кишварро ба назар гирифтан муҳим аст. Дар асоси мониторинги таҳдидҳои эҳтимолӣ низоми истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор таъмини намудҳои номбаршудаи амнияти иқтисодӣ танҳо дар асоси мониторинги таҳдидҳои эҳтимолии амният имконпазир аст. Бинобар ин, аз як тараф, ҳама гуна вазифаи стратегии идоракунии истифодаи замин бояд ба талаботи таъмини рушди бехатар ва устувори иқтисодиёт асос ёбад. Аз тарафи дигар, тамоми низоми тадбирҳое, ки

дар раванди идоракунии заминҳои категорияҳои гуногун бояд ба кам кардани хатарҳо ва таҳдидҳо дар робита ба истифодаи қитъаҳои мушаххас равона карда шавад. Асоси ноил шудан ба амнияти озуқаворӣ, барои ҳама паҳлӯҳои зиёди ин мушкилот, истифодаи захираи ивазнашаванда - замин ҳамчун воситаи истеҳсолот барои ба даст овардани миқдори зарурии озуқаворӣ мебошад” [12, с. 156–159].

Ҳангоми таҳияи усулҳо ва механизмҳои “...идоракунии заминҳои кишоварзӣ, инчунин хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон, хоҷагиҳои иловагии ёрирасони шахсии шаҳрвандон, боғдории коллективӣ, боғдорӣ ва ғ. қарор доранд, аз рӯйи онҳо миқдори зиёди озуқаворӣ истеҳсол карда мешавад, бояд меъёрҳои гуногуни амнияти озуқаворӣ”[2] ба таври мустақим ба назар гирифта шаванд. Муаллиф як қатор мафҳумҳо ва баъзе элементҳои ҷанбаҳои амнияти озуқавориро, ки бевосита ба идоракунии заминҳо алоқамананданд ва дар робита ба масъалаҳои истифодаи устувори замин баррасӣ мешаванд, муайян ва мураттаб намудааст, ки дар расми 3 оварда шудааст.




**Расми 3.-** Ҷанбаҳои заминӣ-захиравии тахмини амнияти озуқаворӣ ва таъминоти итилоотии идоракунии истифодаи устувори заминҳои кишоварзӣ [2].

Дар баробари омилҳое, ки шароитҳои умумии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзиро ба назар мегиранд, пеш аз ҳама онҳоеро ба

инобат гирифтан лозим аст, ки: “...устувории мавҷуда ва ошкор намудани иқтидори имконпазири заминро таъмин менамоянд. Барои таҳлили амнияти озуқаворӣ дар замони ҳозира ва арзёбии дараҷаи хавфи тағйирёбии он дар ояндаи наздик ва дарозмуддат, пеш аз ҳама, динамикаи майдони заминҳои кишоварзиро ба назар гирифтан лозим аст” [12, с.156–159].

Дар кори диссертатсионӣ дар мавриди мукаммалгардонии усулҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин ба истифодаи механизми суғуртаи ҳосил таваҷҷӯҳи ҷиддӣ дода шудаст. Ин механизм ҳавасмандии истеҳсолгарони маҳсулоти кишоварзиро дар таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат менамояд.

Талафоти истеҳсолот дар натиҷаи ҳодисаҳои фавқулодаи табиат доимӣ набуда, ба зудии ҳодисаҳои суғурташуда, коэффитсиенти ҷамъшавии хавф, вазнинии зарар ва дигар нишондиҳандаҳо вобаста аст.

“...Давомнокии ҳодисаҳои суғурта (Чс) бо шумораи солҳои камхарҷ дар давраи баррасишаванда тавсиф карда мешавад:

$$Чс = К/Н$$

ки дар он: К - шумораи солҳои камоб,

Н - давомнокии давраи баррасишаванда.

Коэффисиенти ҷамъшавии хавф (Rk) миқдори миёнаи субъектҳои хоҷагидориро, ки аз нокомии ҳосил зарар дидаанд, нишон медиҳад:

$$Rк=M/Y$$

ки дар он: М - шумораи корхонаҳое, ки дар натиҷаи нобарории ҳосил зарар дидаанд,

Y - сол.

Маблағи умумии суғурта ба дараҷаи руй додани ҳодисаҳои суғуртавӣ вобаста аст, яъне аз шароити давраи бадтарин — камомади максималии истеҳсолот, инчунин аз миқдори объектҳои зарардида дар солҳои камбудӣ муайян карда мешавад [4].

Маблағи суғурта талафоти ҳосилро аз шароити номусоиди иқлим ифода мекунад. Дараҷаи ҷуброн барои ҳосили талафшуда бояд камаш 0,6—0,7 бошад. Масалан, хоҷагии деҳқонии (фермерии) “Овчӣ” соли 2023 барои истеҳсоли картошка ба маблағи 20000 сомонӣ сармоягузорӣ намудааст. Ҳамин тариқ, арзиши лоиҳаи сармоягузорӣ 20000 сомониро ба ҳар як гектар дода, мӯҳлати амалишавии он 5 солро фаро мегирад (ҷадв. 6).

**Ҷадвали 6.** Арзёбии лоиҳаи сармоягузорӣ ва суғурта

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми фурӯш, сомонӣ | 42500 | 47300 | 50210 | 53401 | 55610 |
| Хароҷотҳои ҷорӣ (арзиши аслӣ), сомонӣ | 20315 | 23244 | 24341 | 26440 | 27455 |
| Фоида, сомонӣ | 22185 | 24056 | 25869 | 26961 | 28155 |
| Эҳтимолияти талафи фоида, сомонӣ (эҳтимоли талаф 2,0%) | 443,7 | 481 | 517.4 | 539,2 | 563,6 |
| Ҳаҷми умумии фоидаи суғурта, сомонӣ (1.5) | 332.7 | 360.8 | 388.0 | 404.4 | 422,3 |

**Таҳияи муаллиф**. Аз рӯйи ҳисоботҳои хоҷагии деҳқонии (фермерии) "Овчӣ" дар соли таҳлилӣ.

Чи тавре ки маъмул аст, индекси даромаднокии сармоягузорӣ, ки ба "...сифати меъёри арзёбии сармоягузорӣ ва хавфу хатари он хидмат менамояд, бо формулаи зерин муайян карда мешавад" [4, с.31,74]:

$$P_i = \frac{1}{I}\sum_{t=1}^{T}\frac{P_t}{(1+r)^t}$$

Барои муайян намудани индекси даромаднокии сармоягузорӣ одатан, тибқи муносибати усулии И. Фишер нахуст бузургии дисконт ҳисоб карда мешавад:

$$R = (j_b + 1)(j_i + 1) - 1,$$

ки дар ин ҷо: $j_b$ – меъёри пасандози бонкӣ;

$j_i$ - сатҳи таваррум.

"...Айни ҳол дар ҷумҳурӣ меъёри пасандози бонкӣ ба ҳисоби миёна 16,0%, сатҳи таварруми солонро 8,0% мегирем"[11]. Аз ин рӯ меъёри дисконт "...R = (0,16+1)(0,08+1)=0,252 ташкил дода, сипас даромади соф ҳисоб карда мешавад. Ин усули аввалини арзёбии самаранокии сармоягузорӣ мебошад, ки аз ҷониби иқтисодчии англис Алфред Маршалл пешниҳод карда шуда аст. Даромади соф аз рӯйи формулаҳои зерин ҳисоб карда мешавад" [4, с.31,74]:

$NPV = \sum_{t=1}^{t}\frac{P_t}{(1+r)^t} - I$=(22,2x0,798+24,0*0,638+25,8*0,407+26.9*0,165+ 28,1*0,027)–20 ҳазор сомонӣ=(18,1+15,3+10,5+4.43+0.75)–20 ҳазор сомонӣ =29,08

Акнун метавон индекси меъёри даромаднокии сармоягузориро бо формулаи зерин ҳисоб намоем:

$$PI = \left(\sum_{t=1}^{T}\frac{P_t}{(1+r)^t}\right)/I = 49/20,0 = 2,45$$

Индекси даромаднокӣ меъёри арзёбии лоиҳа мебошад:

агар PI> 1 бошад, пас лоиҳаи сармоягузориро метавон амалӣ кард,

агар, PI < 1 бошад, пас, ин лоиҳа набояд амалӣ карда шавад,

агар PI = 1 бошад, он вақт метавон онро истифода кард, аммо: "...дар ҳоле ки корхона дар стратегияи устуворӣ қарор дошта бошад, ё ягон субъект низ ба он манфиатдор бошад, яке аз соҳаҳоро нигоҳ дорад, он гоҳ индекси даромаднокӣ дар дурнамо бартарӣ дорад, ё дорои моҳияти иҷтимоӣ мебошад" [4, с.31,74].

Дар ҳолати мазкур индекси меъёри даромаднокии сармоягузорӣ барои парвариши юнучқа ва хӯроки чорво самаранок мебошад, аз ин рӯ ин, коэффитсиент аз як калонтар аст, яъне PI = 2,45. Дар ин маврид: "...лоиҳаи сармоягузорӣ ҳарчанд самаранок бошад ҳам, сарфи назар аз ин дар он хавфу хатар вуҷуд дорад, яъне эҳтимоли ба вуҷуд омадани талафотҳои молиявии пешбининашуда, паст шудани сатҳи даромади дарназарбуда ва ғайраҳо боқӣ мемонад. Бинобар ин, арзёбии хавфу хатари сармоягузорӣ ҳамеша бо арзёбии даромади пешбинишуда ва эҳтимолияти талафоти онҳо вобаста аст" [8, с.40-42]. Дар мисоли мо эҳтимоли аз даст додани даромад, агар 2,0 %-ро ташкил диҳад, пас, ба ҳисоби миёна дар 5 сол 405 сомониро ташкил медиҳад.

Дар ҳолате, ки агар ҳаҷми умумии фоидаи солонаи суғуртавӣ, масалан 1,5% бошад, он дар зарфи 5 сол ба ҳисоби миёна ба 381.6 сомонӣ баробар мешавад. Агар талафоти пурра ё ҳолати аз даст додани фоида ба миён ояд, дар ин ҳолат, масалан, барои як сол аз ширкатҳи суғуртавӣ 80% маблағи талафёфтаро бозпас мегирад, мисол, соли 2019 хоҷагӣ даромадеро, ки ба маблағи 25869 сомонӣ интизоршуда буд, ба даст наовард. Хоҷагӣ ба воситаи суғурта метавонад 20695,2(25869*0.8) сомонӣ даромади талафшударо ҷуброн намояд, ки маблағи полиси суғуртавӣ барои 5 сол (332.7+360.8+388.0+404.4+422,3=1908.2 сомонӣ) қариб 9 маротиба бештар аст. Аз ин бар меояд, ки хоҷагии фермерӣ аз хариди полиси суғуртавӣ бархӯрдор буда, бо ин роҳ ҷараёни даромади худро хуб ва устувории молиявиро таъмин менамояд.

Полиси суғуртавӣ ин ҷо ҳамчун қоғази қиматнок баромад намуда, барои соҳибаш дар шароити ба амал омадани хавфу хатар даромад меорад. Яке аз донишмандони маъруфи иқтисодчӣ дар соҳаи назарияи суғурта Д.Фарӣ қайд менамояд: "...асоси ташаккулёбии маҳсулоти суғуртавӣ ё полиси суғурта ҳамчун неъмати иқтисодӣ (дар шакли ғайриматериалӣ) аслан дар ҷараёни истеҳсолоти неъматҳои моддӣ ягона аст. Тавассути он ду талаботи асосии иқтисодӣ амалӣ карда мешаванд: интиқоли хавфу хатар ва ҷамъоварии сармоя. Онҳо дар таҳлили ниҳоӣ, ба мақсади ноил шудан ба захираҳои моддӣ ва пулӣ барои баланд бардоштани сарватҳо ҳавасманд мебошанд. Субъектҳои иқтисодиёти

аграрӣ, сармоягузорӣ ё моликияти он дар ҳолатҳои хавфу хатар ва талафоти даромад бо мақсади ноил шудан ба даромад ва паст кардани сатҳи талафот суғурта карда метавонанд” [9, с.43-45].

Ҳамин тариқ, дар раванди таҳияи стратегия ва механизмҳои идоракунии заминҳои кишоварзӣ, инчунин заминҳои хоҷагиҳои ёрирасон, боғдории коллективӣ, боғдорӣ ва ғайра миқдори зиёди озуқаворӣ истеҳсол карда мешавад, бояд меъёрҳои гуногуни амнияти озуқаворӣ ба таври мустақим ба назар гирифта шаванд. Як қатор ҷанбаҳои амнияти озуқавориро, ки бевосита ба идоракунии захираҳои замин алоқамананд ва дар робита ба масъалаҳои истифодаи устувори замин ҳамчун захираи табии асосӣ ҷумҳурӣ дар робита ба истифодаи оқилонаи он баррасӣ мешаванд, муайян ва мураттаб шудаанд, ки ҷиҳати дар амалия татбиқ намудан арзиш доранд.

**ХУЛОСА**

Таҳқиқоти гузаронидашуда ба мо имкон медиҳад, ки хулоса ва пешниҳодҳои зеринро ба омода намамоем, ки навгонии илмии онро, аҳамияти назариявӣ, усулӣ ва амалии онро тасдиқ мекунанд.

Бодарназардошти мақсадҳои таҳқиқот, ки ба онҳо таҳияи назариявӣ ва асосҳои консепсияи ташаккули самараноки низоми заминистифодабарии кишоварзӣ, ки ба тақвияти сатҳи таъминоти захиравии бехатарии озуқаврии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он мусоидат мекунад, муқаррароти назариявии зер пешниҳод карда шудааст.

1. Муқаррароти назариявӣ вобаста ба мафҳуми бехатарии озуқаворӣ ҳамчун ҳолати рушди зерсоҳаи озуқаворӣи низоми комплекси агросаноатӣ, пеш аз ҳама соҳаҳои кишоварзӣ, ки иқтидори истеҳсолии ҳаҷми ҷисмонии маҳсулотҳои заруририро доранд, ки ба дастовардҳои муайяни ҷисмонии дараҷаи таъминоти аҳолиро ба маҳсулоти хурокворӣ мусоидат мекунанд, омода карда шуд [М-1].

2. Муқаррароти асоснок оид ба ҷузъҳои афзалиятноки иқтидори сохтории захиравии бехатарии озуқаворӣ, дар асоси ғанигардонии фарогир омода карда шуд. Ҳарчанд, дар нигоҳдории бехатарии озуқаворӣ омилҳои муҳими иқтидори захиравӣ, ки ба миқдор ва сифати заминҳои кишоварзӣ алоқаманди дорад, ҳамзамон, зиёдшавии иқтидори истеҳсолӣ дар минтақаҳо сарфи назар карда шудааст [М-1].

3. Новобаста аз он, ки дар ҷумҳурӣ, махсусан дар вилояти Суғд иқтидорӣ захиравии зарурӣ дар таъмини рушди истеҳсолоти кишоварзӣ мавҷуд мебошад, аммо, бодарназардошти афзудани шумораи аҳолӣ

мушкилоти таъмини истеҳсоли маҳсулоти озуқавории ватании сифатнок рузмарра боқӣ мемонад. Пеш аз ҳама ин ба он алоқаманд, аст, ки афзудани тамоюли рушди индустриалӣ ва шаҳрсозӣ майдони заминҳои таъиноти кишоварзӣ беш аз беш маҳдуд мегардад. Ин водор месозад, ки заруррати таҳия ва татбиқи низоми тадбирҳо ҷиҳати қонеъгардонии аҳоли бо озуқаворӣ, ки сол аз сол зиёд мегардад, ба роҳ монда шавад [М-2].

4. Назария ва асосҳои институтсионалии механизмҳои ташкилӣ – иқтисодӣ, тақвияти муносибатҳои замин ва низоми заминистифодабарӣ (институти моликият ба замин, гуногунсамтии истеҳсолоти кишоварзӣ, механизмҳои дастгирии давлатӣ ва батанзимдарорӣ) дар самти баланд бардоштани сатҳи захираҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ асоснок карда шудааст [М-2].

5. Роҳи асосӣ ҷиҳати баланд бардоштани бехатарии амнияти озуқаворӣ ин истифодабарии бештари усулҳои самараноки идоракунии зироатҳои хоҷагии қишлоқ, ки хосилхезии хокро баланд мебардоранд ва вокуниши асосиро зимни ивазшавии иқлим равона месозанд. Истифода-барии самараноки қитъаҳои замин ва мутобиқшавии зироатҳои кишоварзӣ ба ивазшавии иқлим, тақвияти низоми киштгардон, аз ҷумла ивази сохтори майдонҳои кишт ба ҷараёни такрористеҳсолӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодабарии зироатҳои кишоварзӣ оварда мерасонад, ки ин ҳамзамон сабаби истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ, ки ба талаботҳои иқтисодӣ ва экологӣ ҷавобгӯ мебошад [М-3].

6. Бехатарии озуқаворӣ ва ё таъминоти захиравӣ ва сармоягузорӣ дар шароити мавҷудияти самаранокии талаботи истеъмолкунандагони молҳои истеъмолӣ ноил мегардад, (ҳангоми маҳсулотҳои истеъмолии тару тоза бетанаффус “аз истеҳсолкунанда ба истеъмолкунандаи охирин” дар доираи занҷираи иловашудаи истеҳсолот ва таъсиси арзиши иловашуда) дастрас карда мешавад. Дар ин занҷира пешбурди сифати баланд, маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, риояи талаботи нигоҳдорӣ, марҳилаҳои ҳамлу нақл ё коркард омилҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд, ки аз онҳо сифати охирини маҳсулотҳои озуқавории истеъмолшаванда вобастагӣ доранд [М-3].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Бо мақсади тақвияти механизми иқтисодии танзими давлатии истифодаи оқилона ва самараноки заминҳои кишоварзӣ бояд низоми аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва аз ҷиҳати иқтисодӣ мувофиқи идоракунии

истифодаи захираҳои замин ҳамчун захираи табиии асосии давлат, омода карда шаванд, аз ҷумла:

1. Таҳлил ва асосноккунии омилҳои иқтисодӣ, ки ба вуҷуд омадан ва инкишоф додани тамоюлҳои манфии истифода ва ҳифзи замин ҳамчун сарвати нодири миллӣ муайян карда шудаанд [М-1, 4].

2. Омода кардани консепсия, ки дар он низоми ба мақсад мувофиқи ҳамкории мақомоти идораи давлатии фонди захираҳои замини мамлакат дар сатҳҳои гуногун бодарназардошти шароитҳои мавҷудаи иҷтимоию иқтисодӣ пешниҳод карда мешавад [М-1].

3. Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити иқтисодӣ бозоргонӣ ва дастовардҳои мустақилияти озуқаворӣ, низоми усулҳо ва усулҳои идоракунии самараноки равандҳои истифодаи оқилонаву самараноки заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Суғд пешниҳод карда мешавад [М-2].

4. Дар асоси таносуби оқилонаи манфиатҳои агросаноатии субъекти мушаххаси комплекси агросаноатӣ ва иқтидори истеҳсолии онҳо муайян карда шуда, аз ҷиҳати иқтисодӣ ҷойгиршавии онҳо ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ, дар ҷумҳурӣ, ҳамзамон дар вилояти Суғд асоснок карда шаванд [М-2].

5. Барои муқаррар намудани андозаи оқилонаи истифодаи замини корхонаҳои кишоварзӣ шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқии ҳоҷагидорӣ бодарназардошти истифодаи воситаҳои ҳисобӣ-конструктивӣ ва муносибатҳои низомӣ таҳияи мушаххаси равишҳои методологӣ пешниҳод карда шуданд [М-3, 6].

6. Идоракунӣ ва ташкил истифодабарии самараконоки замин дар кишоварзӣ ҷараёни эволютсионии беист ва такроршаванда ба ҳисоб меравад ва ҳамаи марҳилаҳои зминистифодабарӣ чун қоида дараҷаи сифатнокии навро пешбинӣ мекунад. Аз руйи нуқтаи назари низоми муносибат ба идоракунии низоми заминистифодабарӣ се марҳилаи бо ҳам пайвастаи истифодабрии замин пешниҳод карда шуда аст: марҳилаи якум – амалисозии институтсионалӣ ё ташкилию – минтақавӣ ва таъмини иттилоотӣ заминистифодабарӣ дар заминсозӣ; дуюм, ташкили технологӣ, захиравӣ, молиявӣ, соҳибкорӣ ва дастгирии маркетингӣ; марҳилаи сеюм – такрористеҳсолии сифатии ҳосилхезии хок ва барқарорсозии сифатии сохтори хок [М-3, 5].

## Руйхати адабиёт

[1]. Бракк Д.Г. Продовольственная безопасность в условиях климатических трансформаций //Экономическая безопасность.- Том 6, №1.- 2023.- с.367-384.

[2]. Бухтояров Н.И. Развитие системы информационного обеспечения управления землями сельскохозяйственного назначения //Вестник Воронежского государственного аграрного университета. – 2018, №3(58). - С.238-249.

[3]. Варламов А.А., Хабаров А.В. Экология землепользования и охраны природных ресурсов.- Москва, 1999.- 258с.

[4]. Гераськин М.И., Кузнецова О.А. Инвестиционный менеджмент: модели и методы.- Самар. гос. аэрокосм. ун-т.- Самара, 2007.- С. 31,74.

[5]. Лысоченко А.А. Методология определения Уровня продовольственной Безопасности региона //Продовольственная безопасность.- №4(133).– 2009.- с. 47-51.

[6]. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон /Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2024.- с. 11

[7]. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон /Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2023.- с.17, 115-125.

[8]. Мирсаидов А.Б., Саидмуродов Ш.М. Страховая система как часть сферы услуг //Кишоварз (Земледелец) /Таджикский аграрный университет имени Ш.Шотемур.- Душанбе, 2014.- №3(63).- С. 40-42.

[9]. Мирсаидов А.Б., Саидмуродов Ш.М. Риск и страхование в системе аграрных экономических отношений (теоретический аспект) //Кишоварз (Земледелец) /ТАУ имени Ш.Шотемур.- Душанбе, 2014.- №3(63).- С.43-45.

[10]. Омори солонаи вилояти Суғд.- Хуҷанд, 2024.- с.203-205

[11]. Рушди низоми бонкӣ дар 25 соли Истиқлолияти Давлатии Тоҷикистон.- Душанбе, 2016.

[12]. Свитин В.А. Основные направления формирования устойчивого землепользования в сельской местности //Устойчивое развитие сельского хозяйства Беларуси в новых условиях: материалы IX Междунар. науч.-практич. конф. 20.09.2012г. /Институт системных исследований в АПК НАН Беларуси; под. ред. В. Г. Гусакова. – Минск, 2013. – С. 156–159. – ISBN 978-985-6972-10-5.

[13]. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.- Душанбе, 2016.

[14]. Челнокова О.Ю. Моделирование использования индекса Херфиндаля-Хиршмана при анализе степени концентрации фирм на отраслевом рынке //Профессиональная ориентация.- 2018.

**ФЕҲРЕСТИ КОРҲОИ ЧОПШУДАИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ**

**а) Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

[1-М]. Исломов О.О. Зарурати самаранок истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ /Мирсаидов С.А./ //Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2024.- №1.- С. 75-82 ISSN 2413-5151

[2-М]. Исломов О.О. Муносибатҳои назариявии муосир доир ба моҳияти амнияти озуқаворӣ //“Кишоварз” /ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур.- Душанбе, 2023.- №3(100).- С. 241-249 ISSN 2074-5435

[3-М]. Исломов О.О. Арзёбии самаранокии иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Суғд //Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2023.- № 2/1(46).- С. 261-269 ISSN 2308-054X.

**б) Дар дигар нашрияҳо**

[4-М]. Исломов О.О. Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ – кафили амнияти озуқаворӣ /Конф. илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Масъалаҳои муосири рушди устувори заминсозӣ ва заминистифодабарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур, 20.10.2024). – Душанбе, 2023.- С. 45-48.

[5-М]. Исломов О.О. Динамикаи тағйирёбии заминҳои таъйиноти кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ /Конф. илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Иқтисодиёти кишоварзӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ” (ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур). – Душанбе, 2023.- С. 418-420.

[6-М] Исломов О.О., Ҳасанов А.А. Таъмини амнияти озуқаворӣ дар асоси истифодаи самараноки заминҳои таъиноти кишоварзӣ /Конф. илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Роҳҳои бартараф кардани заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ва роҳҳои ҳалли он» бахшида ба рузи замин (ДАТ-20.10.2024). – Душанбе, 2024.- с. 2-6.

ТАДЖИКСКИЙ АГРАРНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ Ш.ШОТЕМУР

На правах рукописи

УДК: 338 43 (575.31)

ИСЛОМЗОДА ОБИД ОЛИМ

# ЭФФЕКТИВНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ЗЕМЕЛЬ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ (НА ОСНОВАНИИ МАТЕРИАЛОВ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ)

АВТОРЕФЕРАТ
диссертации на соискание ученой степени кандидата
экономических наук по специальности
08.00.04.02 – Экономика агропромышленного комплекса

Душанбе – 2025

Диссертация выполнена на кафедре землеустройства и кадастра Таджикского аграрного Университета имени Ш.Шотемур.

**Научный рководитель:** **Мирсаидов Саидакмал Аврорович,**
доктор экономических наук, профессор, заведующий кафедрой биржевая деятельность Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Официальные оппоненты:** **Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт,**
доктор экономических наук, профессор, Президент национальной Академии наук Таджикистана

**Комилзода Низомуддин Бегахмад,**
кандидат экономических наук, заведующий кафедрой финансы и кредит Кулябского государственного университета имени Абуабдуллохи Рудаки

**Ведущая организация:** Таджикский национальный университет

Защита диссертационной работы состоится 29 августа 2025 года в 09:00 часов на заседании диссертационного совета 6Д.КОА-016 при Таджикском аграрного университете имени Ш.Шотемур (734003, г. Душанбе, проспект Рудаки, 146, E-mail: olimov-1976@mail.ru, телефон ученого секретаря: (+992) 101-17-90-90).

С текстом диссертации и ее авторефератом можно ознакомится в научной библиотеке и на официальном сайте Таджикского аграрного университета имени Ш.Шотемур (www.tajagroun.tj).

Автореферат разослан “___” _________ 2025 года.

**Ученый секретарь**
**Диссертационного совета, доцент** **Олимов А.Х.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования**. В «Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года» особое внимание уделяется вопросу обеспечения продовольственной безопасности, которая рассматривается как основная составляющая экономической безопасности страны, например: «...обеспечить продовольственную безопасность, разнообразие (диверсификацию) сельскохозяйственного производства, то есть внедрение инноваций с учетом улучшения окружающей среды и качества земли, формирование системы управления земельными и водными ресурсами на основе их справедливого, целенаправленного и устойчивого распределения для выращивания сельскохозяйственных культур» [13].

Фактически основой формирования производственных отношений в аграрном секторе являются отношения землепользования, которые одновременно определяют уровень продовольственной безопасности и тенденции социально-экономического развития общества.

Сегодня правительство прилагает усилия по постоянной разработке и совершенствованию официальных норм и правил, устанавливающих порядок, уровень и качество рационального и эффективного использования сельскохозяйственных земель для обеспечения продовольственной безопасности. Поэтому возрастающая ограниченность земельных ресурсов как природного ресурса с каждым годом приобретает особый институциональный статус. Развитие общества на всех этапах его развития связано с использованием земли: ведь земля всегда является источником существования человека и богатства нации.

Современные условия постоянно усиливаются под влиянием роста населения и его спроса на продукты питания, с одной стороны, при очевидной ограниченности ресурсов сельскохозяйственных земель, становится актуальным вопрос их рационального и эффективного использования с широким разъяснением этих понятий. Эти понятия помещаются в институциональную систему страны и выражают нормы и правила совокупности отношений, особенно социально-экономических отношений в сфере землепользования. Вопрос рационального использования земель в целях обеспечения продовольственной безопасности, помимо чисто теоретического значения, требует также уточнения критериев оценки экономического потенциала земли и ее эффективного использования, что имеет практическое значение. Поэтому вопросы управления сельскохозяйственными землями, связанные с обеспечением продовольственной безопас-ности, связаны,

прежде всего, с планированием и перераспределением, охра-ной и контролем земель со стороны органов государственного управления.

Невозможно создать механизм эффективного использования земли фермерским хозяйством без создания научно-обоснованной системы механизма ее эффективного использования на уровне производства продуктов питания. Формирование экономического механизма распределения и рационального использования земли базируется, прежде всего, на классической концепции теории ренты, основоположниками которой являются видные зарубежные экономисты, такие как: В. Петти, А. Тюрго, А. Смит, Д. Рикардо, К. Маркс, А. Маршал и другие.

Сегодня в связи с изменением экономической и социальной ситуации ряд вопросов формирования эффективного экономического механизма его использования недостаточно проработаны или не отвечают современным условиям. Формирование эффективной системы отношений землепользования в Республике Таджикистан, на наш взгляд, возможно только на основе исследования с целью определения и научного обоснования правовых, организационных и экономических механизмов, что требует изучения понятия и содержания их отдельных элементов.

Сегодня негативная тенденция в процессе использования и охраны земельных ресурсов, несовершенство системы распределения землепользования являются одним из факторов ослабления системы продовольственной безопасности республики.

**Степень изученности темы научного исследования**. Вопрос использования земель сельскохозяйственного назначения и связанный с ним вопрос обеспечения продовольственной безопасности привлекает внимание ученых всего мира. На современном этапе научные проблемы формирования экономического механизма развития земельных отношений и его рационального и эффективного использования отражены в научные публикациях и монографиях ученых Содружества Независимых Государств, таких как: Г. Быстрова, С. Горемыкина, Р. Гумерова, Ж. Дункана, Р. Кларка, Н. Комова, М. Коробейникова, В. Коровкина, А. Костяева, С. Липского, П. Лойкого, В. Милосердова, С. Пилиева, Р. Простермана, Л. Рольфса, М. Сулина А. Ткач, М. Тейчера, Р. Трейси, К. Фукса, И.Г. Ушачева, В.Я. Узуна, Ю. Хромова и другие.

В Республике Таджикистан данная проблема рассмотрены в научных работах: Р. Носирова, Р.Р. Кудратова З.Р. Шарифова, А.М. Мадаминова, А.Б. Мирсаидова, Х.Б. Рахматзода, С.С. Садриддинова, Х.У. Умарова и других. Однако в связи с активным изменением социально-экономической и демографической ситуации в республике, а также период и переходом страны в

экономически к индустриально-аграрному этапу экономического развития возникает необходимость вновь обратиться к вопросам формирования механизмов рационального использования земель сельскохозяйственного назначения, связанных с реализацией вопросов продовольственной безопасности в стране.

**Связь исследования с научными ппрограммами и темами**. Диссертационное исследование на проведено основании Закон Республики Таджикистан «О государственных прогнозах, концепциях, стратегиях и программах социально-экономического развития Республики Таджикистан» (№1544, 3.08.2018 г.,)», «Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года» (Постановление Правительства Республики Таджикистан №392 от 01.10.2016 г.), «Среднесрочная программа развития Республики Таджикистан на период 2016-2020гг. (ПМР 2016-2020)», «Программа реформирования сельского хозяйства Республики Таджикистан на 2012-2020 годы», «Государственная программа новых орошаемых земель и реабилитации земель сельскохозяйственного назначения в Республике Таджикистан на 2012-2020 годы», «Программа улучшения мелиоративного состояния орошаемых сельскохозяйственных земель Республики Таджикистан на 2019-2023 годы».

Диссертация выполнена в соответствии с планом научно-исследовательской работы Таджикского аграрного университета имени Ш. Шотемур.

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Цель исследования**. Основной целью исследования является прежде всего разработка теоретических основ и концепции формирования современной системы эффективного управления отношениями между землепользователей на современном этапе, для повышения эффективного использования земель сельскохозяйственного назначения с целью увеличения ресурсной базы, обеспечивающей продовольственную безопасность страны и ее областей.

**Задачи исследования**. Для достижения данной цели были определены следующие задачи:

– теоретическое изучение сущности и оценки безопасности пищевых продуктов в современных условиях;

– социально - экономическая характеристика земель сельскохозяйственного назначения и критерии оценки их эффективного использования в системе продовольственной безопасности;

